# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» аз рӯйи муҳтаво ва самти таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо асосҳои зерин пурра мутобиқ мебошад.

Якум, Вандидод ҳамчун яке аз қисматҳои муҳимтарини Авесто, сарчашмаи қадимтарини меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ буда, дар он қоидаҳои рафтор, муқаррароти марбут ба ҳуқуқвайронкунӣ ва чораҳои ҷавобгарӣ ба таври муфассал муайян шудаанд. Омӯзиши низоми ҳуқуқӣ ва ҷавобгарӣ дар Вандидод аз дидгоҳи таърих ва назарияи умумии ҳуқуқ имкон медиҳад, ки қонуниятҳои умумии ташаккули институтҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар марҳилаҳои ибтидоии тамаддун муайян карда шаванд.

Дуюм, таҳқиқи таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва назарияҳои марбут ба ҷавобгарӣ дар Вандидод ба соҳаи таърихи ҳуқуқ, назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ тааллуқ дорад. Вандидод дар баробари сарчашмаҳои ҳуқуқии дигар тамаддунҳо (Мисри қадим, Бобул, Ҳиндустон, Юнон, Рум) имконият медиҳад, ки мавқеи таърихӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқи зардуштӣ дар таҳаввули умумии ҳуқуқи ҷаҳонӣ муайян карда шавад.

Сеюм, таҳқиқоти мазкур дорои ҷанбаи методологии муҳим мебошад. Он ба истифодаи усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, манбаъшиносӣ, таҳлили муқоисавӣ ва таҳлили доктриналӣ асос ёфта, ба талаботи соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ҷавобгӯ мебошад.

Чорум, аҳаммияти илмии мавзуъ дар он аст, ки омӯзиши категорияҳои «ҳуқуқвайронкунӣ» ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» дар Вандидод имкон медиҳад, ки қадамҳои ибтидоии ташаккули назарияи ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва идоракунии рафтори инсон дар марҳилаҳои қадима равшан гарданд. Ин тадқиқот ба тавсеаи донишҳои назариявӣ ва таърихӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва ба таҳкими заминаи илмии омӯзиши таълимоти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Аз рӯйи муҳтаво, масъалагузорӣ, усулҳои таҳқиқ ва ҳадафҳои илмӣ мавзуи диссертатсия «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» бо далелҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии худ асоснок карда шудаанд. Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи институтҳои асосии ҳуқуқ буда, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти хоса доштанд. Омӯзиши пайдоиш ва ташаккули онҳо дар сарчашмаҳои қадим имкон медиҳад, ки қонуниятҳои умумии инкишофи ҳуқуқ ва ташаккули институтҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар тамаддуни башарӣ равшан гарданд. Яке аз чунин сарчашмаҳо Вандидод мебошад, ки қисми муҳимми Авесто ба шумор рафта, дорои муқаррароти муфассал дар бораи рафтори инсон, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарӣ мебошад. Ин матн на танҳо манбаи динӣ ва ахлоқӣ, балки низоми ибтидоии ҳуқуқӣ низ ба шумор рафта, ғояҳои қадимтарин дар бораи адолат ва ҷавобгариро таҷассум мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, инчунин дар он ифода меёбад, ки омӯзиши таълимоти ҳуқуқии Вандидод барои дарки решаҳои таърихии мафҳумҳои «ҳуқуқвайронкунӣ» ва «ҷавобгарӣ» зарур аст. Ин таҳқиқот имкон медиҳад, ки робитаи онҳо бо институтҳои ҳуқуқии давраҳои баъдӣ муайян шуда, дар заминаи муқоиса бо ҳуқуқи қадими дигар тамаддунҳо (Юнон, Рум, Ҳиндустон) арзёбӣ гардад.

Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқ, ин таҳқиқот дорои аҳаммияти бузург мебошад, зеро он на танҳо ба ғанисозии таърихи назария ва таълимоти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, балки барои таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи мероси ҳуқуқии фарҳанги эронитабор низ хизмат менамояд.

Бо назардошти ин асосҳо, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» дорои аҳаммияти назариявӣ, таърихӣ ва амалии баланд буда, мубрамии онро ҳамчун самти муҳими таҳқиқоти ҳуқуқӣ муайян месозад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» дорои дараҷаи баланди навгонӣ мебошад, зеро масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Вандидод то имрӯз дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик ва минтақа ба таври низомнок ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот имконият медиҳанд, ки як қатор навгониҳои илмӣ дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ муайян карда шаванд, аз ҷумла: бори аввал мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар заминаи Вандидод ҳамчун яке аз сарчашмаҳои қадимтарини ҳуқуқи динӣ ва ҳуқуқи одатӣ таҳлили муфассали худро ёфтанд; муайян карда шудааст, ки Вандидод дар баробари аҳаммияти диниву ахлоқӣ дорои хусусиятҳои низоми ибтидоии ҳуқуқӣ буда, қоидаҳои марбут ба рафтори шахс ва ҷавобгарӣ дорои хусусияти ҳатмӣ ва умумӣ мебошанд; равшан гардидааст, ки мафҳумҳои ибтидоии ҳуқуқвайронкунӣ дар Вандидод асосан бо кирдорҳое алоқаманд буданд, ки бар зидди тартиботи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва динӣ равона мешуданд, ки ин бо мафҳуми муосири ҳуқуқвайронкунӣ дар баъзе унсурҳои сохторӣ ҳаммонандӣ дорад; бори аввал робитаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Вандидод бо институтҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низомҳои ҳуқуқии дигар тамаддунҳои қадим (Юнон, Рум, Ҳиндустон, Миср) таҳлили муқоисавӣ пайдо кардааст; муайян карда шудаст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Вандидод дорои хусусияти гуногунҷанба (ҷисмонӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва мазҳабӣ) буда, то андозае ба шаклҳои муосири ҷавобгарӣ (ҷиноятӣ, маданӣ, интизомӣ) замина гузоштааст; равшан карда шудааст, ки омӯзиши муқаррароти ҳуқуқии Вандидод на танҳо барои таърихи ҳуқуқ аҳаммият дорад, балки барои таҳкими худшиносии ҳуқуқии ҷомеаҳои муосир ва рушди илми

ҳуқуқшиносӣ низ саҳм мегузорад. Дар умум навгониҳои илмии таҳқиқот дар он ифода меёбанд, ки Вандидод ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳимтарини таърихӣ-ҳуқуқӣ дар заминаи назария ва таърихи ҳуқуқ мавқеи нав ва илмӣ пайдо намуда, қадамҳои ибтидоии ташаккули мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он гузошта шудаанд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хеле мубрам буда, аз навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд. Онҳоро бо дарназардошти усули таҳлил ва баҳодиҳӣ мумкин аст, ба якчанд ҷабҳаҳо ҷудо намуд:

1. Вандидод на танҳо як матни диниву ахлоқӣ, балки яке аз сарчашмаҳои қадимтарини ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун манбаи қадимии ҳуқуқ дорои низоми махсуси меъёрҳои ҳатмӣ ва умумӣ оид ба рафтори шахс ва ҷомеа буда, хусусиятҳои ҳуқуқи ибтидоиро таҷассум мекунад.

2. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бар мабнои Авесто асос ёфта, бисёр падидаҳои ҳуқуқие, ки дар низомҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва мусулмонӣ амал менамоянд, аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ сарчашма мегиранд, ба монанди якканикоҳӣ, розигии тарафайн дар никоҳ, ҳифзи ҳайвоноти хонагӣ, ҷуброни зарар ё хариди гуноҳ ва амсоли инҳо. Ҷазоҳои ҷиноятӣ дар намуди қатл, ҷазои ҷисмонӣ, мусодираи молу мулк, ҷуброни зарар бо роҳи додани моликият (қисман ва ё пурра), бадарға аз ҷамъият ва ғайра дар Вандидод дарҷ ёфтаанд.

3. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ дар Вандидод дорои хусусиятҳои сохторӣ мебошад ва дар асоси кирдорҳое муайян мегардад, ки бар зидди тартиботи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва динӣ равона шудаанд ва унсурҳои он дар баъзе ҳолатҳо ба мафҳумҳои муосири ҳуқуқвайронкунӣ монандӣ доранд.

4. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Вандидод дорои хусусияти гуногунҷанба буда, ҷазоҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва динӣ муайян шудаанд, ки дар маҷмуъ ба ташаккули институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низомҳои баъдӣ таъсир гузоштааст.

5. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон додааст, ки меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод бо институтҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низомҳои ҳуқуқии тамаддунҳои қадим (Юнон, Рум, Ҳиндустон, Миср) ҳаммонандиҳои назаррас доранд, ки аз қонуниятҳои умумии таҳаввули ҳуқуқ шаҳодат медиҳанд.

6. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳлили меъёрҳои Вандидод дар он аст, ки онҳо метавонанд барои таҳкими худшиносии миллӣ, омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқии қадим ва истифода дар раванди таълимӣ ва

таҳқиқоти муосир дар соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат хизмат намоянд.

7. Таҳқиқоти Вандидод имконият медиҳад, ки қадамҳои ибтидоии ташаккули назарияҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқ муайян карда, шаванд ва ҷойгоҳи махсуси таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ дар ташаккули умумии ҳуқуқи ҷаҳонӣ собит гардад.

8. Омӯзиши Вандидод дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии калон мебошад, зеро он на танҳо барои таърихи ҳуқуқ, балки барои таҳкими худшиносии миллӣ ва истифодаи арзишҳои ҳуқуқӣ дар шароити муосир низ зарур аст.

Азимзода Фирдавс Акбаралӣ аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи Вандидод ва аҳаммияти он дар замони муосир анҷом додааст.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии онро нишон дода, ба андешаи муаллиф, ки мо онро ҷонибдорӣ менамоем, дар баъзе масъалаҳо, аз ҷумла дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон нисбат ба низоми ҳуқуқии муосир аз ҷиддият кор гирифтааст. Масалан, хариди гуноҳ яке аз падидаҳое мебошад, ки дар замони ҳуқуқи зардуштӣ амал мекард. Агар низоми ҳуқуқии зардуштиро бо низоми ҳуқуқии исломӣ дар муқоиса қарор диҳем, дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ низ ин падида ба мушоҳида мерасад.

Муаллиф дар ин маврид ба чунин андеша мебошад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва падидаҳои алоҳидаи он ба низоми ҳуқуқии ғарбӣ ворид шуда, боз бо шаклу шамоили ғарбӣ ба қонунгузории муосири Тоҷикистон мунтақил гардидааст. Тоҷикон аз азал бунёдгузорони низоми ҳуқуқӣ буда, дар омезиш ба анъанаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқиро эҷод намудаанд, ки бо гузашти вақт ба низомҳои ҳуқуқии дигар мунтақил гардида, бо шаклу шамоили римӣ дар низоми ҳуқуқии имрӯза ворид гардиданд. Масъулиятшиносӣ, бовиҷдонӣ, ихтиёрона ва бидуни маҷбурсозӣ риояи қоидаҳои ҷамъиятӣ вижагиҳои асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ маҳсуб мешаванд, ки ҳамеша миёни мардум тарғиб мешудааст. Аз ин рӯ, дар ин низоми ҳуқуқӣ бемасъулиятӣ дар иҷрои вазифаҳо ва хунукназарӣ ба қоидаҳои ҷамъиятӣ ва рӯзгордории мардум маҳкум шудааст. Муаррифии низоми ҳуқуқии ниёгон ва арзишҳои башардӯстонаи он кофист, ки навгониҳои рисола мусбат арзёбӣ карда шаванд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар

таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ифодаёфта, бо такя ба таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқэҷокунию ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ истифода бурда, мавқеи илмӣ ва амалии худро дар асоси таҳлилҳои муътамад баён намудааст. Таҳқиқот бар заминаи матни аслӣ ва тарҷумаҳои муқоисавии Вандидод, инчунин шарҳҳои классикии Авесто ва тадқиқоти муосир анҷом дода шудааст. Хулосаҳое, ки дар бораи мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ баён шудаанд, бо такя ба таҳлили меъёрҳои мушаххаси Вандидод асоснок шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси усулҳои илмии таҳқиқ (усули таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ, манбаъшиносӣ ва таҳлили назариявӣ) ташаккул ёфтаанд. Натиҷаҳо бо таҷрибаи ҳуқуқии тамаддунҳои қадим ва таҳқиқоти муосири соҳаи назария ва таърихи ҳуқуқ муқоиса карда шудаанд, ки дурустии онҳоро тақвият мебахшанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо дар он ифода меёбанд, ки ҳамаи хулосаҳои илмӣ бар пойгоҳи маълумоти воқеӣ, аз ҷумла омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва дахлдори замони муосир, гузоришҳои байналмилалӣ, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ва маводи пажӯҳишии олимони дохилӣ ва хориҷӣ асос ёфтаанд. Мутобиқати хулосаҳо бо далелҳо ва таҳлилҳои пешниҳодшуда дараҷаи баланди эътимоднокии онҳоро таъмин менамояд.

Ҳамаи хулоса ва тавсияҳо бо такя ба таҳлили манбаъҳои боэътимод ва осори илмии муътамад ба даст оварда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ қонуниятҳои умумии ташаккули мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарӣ дар асоси далелҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ собит шудаанд. Муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод бо низомҳои ҳуқуқии тамаддунҳои дигар дурустии қонуниятҳои таҳаввули умумибашарии ҳуқуқро тасдиқ менамоянд. Хулосаю тавсияҳо бо натиҷаҳои илмии пешина муқоиса шуда, ҷойгоҳи нав ва саҳми аслии тадқиқотро дар рушди илм муайян мекунанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки метавонанд барои боз ҳам такон бахшидани заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва қонунгузории Тоҷикистон мусоидат намоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ

мувофиқи Вандидод» ҳам аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатсия аз таҳлили мустақим ва муқоисавии сарчашмаҳои аслӣ, истифодаи усулҳои илмии таҳқиқ ва такя ба адабиёти муътамади илмӣ бармеоянд. Онҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда ва такмили барномаҳои таълимӣ истифода шаванд. Хулоса ва тавсияҳои ифодаёфта дорои эътимоднокии баланд буда, барои такмили қонунгузории миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуданашон мумкин аст. Ин тавсияҳо бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии кишвар таҳия шуда, ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои амалӣ дар оянда истифода хоҳанд шуд.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқи мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти назаррас дорад. Пеш аз ҳама, он имкон медиҳад, ки қадамҳои ибтидоии ташаккули мафҳумҳои «ҳуқуқвайронкунӣ» ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» дар тамаддуни қадим муайян карда шаванд. Баррасии меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод ба равшан гардидани решаҳои таърихии институтҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, пайванди онҳо бо таълимоти ҳуқуқии Юнон, Рум ва дигар тамаддунҳои қадимро нишон медиҳад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳкими самти илмии назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат» аҳаммияти мустақим дошта, дар таҳияи муқоисавии таълимоти ҳуқуқӣ, омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи динӣ ва пайдоиши институтҳои ҳуқуқӣ саҳми назаррас мегузоранд. Аксарияти пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола манзургардида дар оянда барои таҳқиқоти назариявии соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ ва амалияи судӣ нақши муассир хоҳанд гузошт. Пеш аз ҳама, онҳо барои истифода дар раванди омодасозии таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки фарогирандаи пажӯҳиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии институтҳои ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарӣ ва ҷазо дар замони муосир мебошанд, тавсия мегарданд. Инчунин, нуктаҳои дар диссертатсия матраҳшударо метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ҳангоми омода намудани воситаҳои таълимӣ,

маводи лексионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ мавриди истифода қарор дод.

Аз ҷиҳати амалӣ бошад, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар самтҳои гуногун истифода шаванд, аз ҷумла ҳангоми тартиб додан ва такмил бахшидани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, сарчашмашиносии ҳуқуқ ва фалсафаи ҳуқуқ онҳоро васеъ истифодда бурдан мумкин аст. Онҳо ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда оид ба омӯзиши институтҳои ҳуқуқии қадим, робитаи онҳо бо ҳуқуқи муосир ва таҳияи таҳқиқоти муқоисавӣ, барои таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи мероси фарҳанги ҳуқуқии халқҳои эронитабор, инчунин истифодаи арзишҳои таърихӣ барои рушди фарҳанги ҳуқуқии муосир хизмат хоҳанд кард. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати муайян кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад. Он ба ғанисозии дониши назариявӣ дар соҳаи таърихи ҳуқуқ ва таълимоти ҳуқуқӣ саҳм гузошта, ҳамзамон барои таҳкими худшиносии миллӣ ва истифодаи арзишҳои таърихӣ дар шароити муосир аҳаммияти амалии хосса дорад.

**6. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи номзадии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, навгонии илмӣ, муҳиммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда возеҳу равшан муайян карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба «**Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод**» бахшида шуда, аз ду зербоб: «**Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои башарии он**» ва «**Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ**» иборат мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки халқи тоҷик мисли дигар миллатҳои минтақа дорои таърихи қадим ва тамаддуни пурғановат буда, бо неруи созандагӣ ва эҷодкории худ дар байни ҷомеаҳои бостонӣ ҷойгоҳи хос ва эътибори баландро соҳиб буд. Бояд қайд кард, ки таълимоти ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, башардӯстона ва инсонмеҳвари мардуми тоҷик, инчунин анъанаҳои хулқу одоб, сиёсати давлатдорӣ ва фарҳанги идоракунӣ дар тули таърих аз ҷониби муаррихон, сиёсатмадорон ва ҳуқуқшиносон мавриди эҳтиром ва арҷгузорӣ қарор гирифтаанд. Таърих гувоҳ аст, ки халқу миллатҳо ба хотири бардавомӣ ва ҷовидон мондани таърих, фарҳанг, расму оин ва арзишҳои миллии хеш мубориза бурдаанд ва онро бо баҳои ҷони хеш ҳифзу ҳимоя намудаанд. Заҳмату талош ва саъю кӯшиши фарзандони фарзонаи миллат буд, ки мо тавонистем арзишҳои миллӣ ва таърихии ниёгони худро то андозае ҳифз намоем ва ба наслҳои минбаъда ба мерос гузорем. Дар идома барои асоснокии мавқеи хеш муаллиф иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро овардааст, ки бамаврид мебошад (саҳ. 21 диссертатсия).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ Авесто мебошад. Китоби мазкур аз аввалин сарчашмаҳои ҳуқуқие маҳсуб мегардад, ки дар он бевосита ба масъалаҳои гуногуни ба ҳаёти инсон, гиромидошти шахс, муносибати инсон ба муҳити зист, ҳайвонот ва ғайра таваҷҷуҳ шудааст ва вобаста ба ин, ӯ меъёрҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқии зардуштиро, ки сарчашмаи асосии он Авесто мебошад, шартан ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерин ҷудо намудааст, ки қобили дастгирист: 1) меъёрҳое, ки дорои хусусияти давлативу ҳуқуқӣ мебошанд; 2) меъёрҳое, ки танзими равобити ҳуқуқи мааданиро таъмин мекунанд; 3) меъёрҳое, ки ба соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дахл доранд; 4) меъёрҳои марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазоҳо; 5) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба тозагии об ва истифодаи он бахшида шудаанд; 6) меъёрҳое, ки ба ҳимояи муҳити зист равона шудаанд; 7) меъёрҳое, ки муносибати инсонро бо ҷаҳони ҳайвонот ба танзим медароранд (саҳ. 25-26 ва 30 диссертатсия).

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти таърихӣ, фикру ақидаи олимон хулосабарории дуруст кардааст, ки дар Авесто ба пайравони оини зардуштӣ таъкид шудааст, ки аз беибоӣ, зино ва дигар рафторҳои ношоиста худдорӣ намоянд. Онҳо муваззаф буданд, ки ҳамеша иффат, покдоманӣ ва парҳезгориро ҳифз карда, аз ҳар амале, ки зидди ин арзишҳо бошад, канораҷӯӣ кунанд. Фарди зардуштӣ, пас аз расидан ба синни

балоғат, уҳдадор буд, ки ҳамсари шоистаро интихоб намуда, зиндагии оилавиро бо эҳсоси муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати равонӣ оғоз кунад (саҳ. 32 диссертатсия).

Дар ин мафкура, оила ҳамчун падидаи муқаддас шинохта мешуд ва ҳар гуна хиёнат ба ҳамсар, аз ҷумла аз ҷониби зан, ҳамчун амали нангин ва ғайриахлоқӣ маҳкум мегардид. Дар чунин ҳолат, мард ҳуқуқ дошт, ки дар нисбати ҳамсари хиёнаткор чораҳои шадид, ҳатто ҷазои қатлро татбиқ намояд. Ҳуқуқи ҷиноятии бостонии тоҷикон низ ба нигаҳдошти арзиши оила аҳаммияти ҷиддӣ медод ва онро аз ҳар гуна ҳамла ё таҳдиди ҷиноятӣ муҳофизат мекард.

Яке аз ҷиноятҳои вазнине, ки дар таълимоти зардуштӣ зикр шудааст, муносибатҳои маҳрамонаи берун аз чорчӯби никоҳи қонунӣ мебошад, зеро ин таълимот муқаддасоти оиларо пояи ахлоқи ҷомеа медонист. Хусусан хиёнати зан ба шавҳар ҳамчун амалест, ки оқибатҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дошта, сахт маҳкум мешуд (саҳ. 33 диссертатсия.).

Инчунин, исқоти ҳамл, новобаста аз он ки натиҷаи никоҳи қонунӣ буд ё ғайриқонунӣ, ҷинояти вазнин дониста мешуд ва бо муқаррароти сахт муҷозот мегардид. Вобаста ба исқоти ҳамл, дар Вандидод чунин оварда шудааст: «Агар зан бо розигии мард исқоти ҳамл кунад, яъне гуноҳи падари кӯдак ба гуноҳи куштани кӯдак баробар аст. Тибқи Вандидод, ҳам падар ва ҳам модар, субъекти ҷиноят эътироф мегардиданд. Ҷазо барои ин гуна кирдор ҳамчун одамкушӣ бо маслиҳати пешакӣ ҳисобида мешуд» (саҳ. 33. диссертатсия).

Қобили таъкид аст, ки дар таълимоти дини зардуштӣ бисёрзанӣ иҷозат дода намешуд ва меъёрҳои низоми ҳуқуқии ин дин, барои мард танҳо як ҳамсар ва барои зан танҳо як шавҳарро дар як вақт иҷозат медод. Ин манъкунӣ бар пояи принсипи баробарии ҳуқуқии марду зан асос ёфта, нақзи он ҳамчун мухолифати ошкор ба ахлоқи динию иҷтимоии зардуштӣ арзёбӣ мегардад. Агар мард дар ҳолати доштани ҳамсар кӯшиши гирифтани зани дуюмро кунад ва махсусан агар ин амал бе ризоияти ҳамсари аввал анҷом гирад, чунин рафтор ҳамчун поймолсозии ҳуқуқи зан ва амал бар зидди меъёрҳои муқаддаси динии он давра дониста мешуд. Дар зардуштия, зан ҳамчун мавҷуди олие арзёбӣ мешавад, ки аз ҷониби Аҳуро Маздо офарида шуда, дорои табиати пок ва ҳуқуқи комили инсонӣ мебошад. Вай, мисли мард, соҳиби ирода ва масъули аъмоли худ шуморида мешавад.

Ҳамчунин, интихоби ҳамсар дар ин дин як амали озоди шахсӣ маҳсуб меёфт. Мардону занон ҳуқуқ доштанд, ки шарики ҳаёти худро

мустақилона ва бо дарназардошти арзишҳои асосии таълимоти зардуштӣ – яъне ростӣ, покизагӣ ва адолат интихоб намоянд.

Соҳиби китоби «Зан дар ҳуқуқи сосонӣ» чунин баён медорад: «Дар оини зардуштия духтар дар интихоби ҳамсар озод буд ва мардеро, ки падараш барои ӯ таъин мекард, барои ба ҳамсарӣ қабул кардани ӯ маҷбур набуд. Агар мехост қабул мекард ва агар намехост на. Дар сурати напазируфтани интихобкардаи падар, падар ҳақ надошт, духтарро аз ирс маҳрум созад ва дигар намуди муҷозотро дар ҳаққи ӯ раво бинад» (саҳ. 34 диссертатсия).

Зикри ин нукта зарурист, ки ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ, ки дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, қадру манзалат, номус, шараф, эътибор ва номи нек зери хатар меафтанд, яке аз самтҳои муҳимми низоми ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ ба масъалаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар ин таълимот бисёре аз ҳуқуқҳои маънавии инсон дар шаклҳои мухталиф инъикос ёфта, барои ҳимояи онҳо механизмҳои ҳуқуқии муайян пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумлаи ҳуқуқҳои муҳимме, ки дар сарчашмаҳои қадима, хусусан дар Авесто пешбинӣ шудаанд, метавон ба ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба зиндагии шоиста ва хушбахтона, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби озоди ҳамсар, ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба зиндагии орому осуда ишора кард. Ин ҳуқуқҳо дорои хусусияти табиӣ буда, ҳамчун арзишҳои маънавии инсон шинохта мешаванд. Ҳар гуна халалдор кардани онҳо метавонад боиси таъсироти ҷиддии ахлоқӣ ва равонӣ гардад (саҳ. 34-35 диссертатсия).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод»** буда, аз се зербоб: «Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ», «Мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод», «Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» иборат мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳанӯз дар давраҳои қадим намудҳои гуногуни ҷиноятҳо тасниф гардида буданд, ки зиёда аз панҷсад намуди он ба мо маълум гардидааст. Дар масири таърихи тоҷикон, Вандидод ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии қадимаи ҳуқуқи зардуштӣ ва кодекси алоҳида амал мекард. Аз нигоҳи ҳуқуқи муосир, ин маъхаз бо сабаби он ки дар он меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ оварда шудааст, қобили таваҷҷуҳ гардидааст. Дар Вандидод меъёрҳои ҳуқуқии мухталиф, аз қабили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, молиявӣ, экологӣ ва судӣ мавҷуд мебошад. Таркиби истилоҳоти ин манбаъ чунин аст: «дод» –

қонун, «дев» ё «девҳо» – қувваҳои бад, ки умуман ҷинояткорӣ ва мубориза бар зидди қувваҳои бадиро ифода менамуд.

Дар байни меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ ва ҳифзи олами ҳайвонот мавқеи махсусро ишғол намудааст. Стандартҳои экологӣ дар тамоми бахшҳои Авесто вомехӯранд, вале механизмҳои ҳифзи муҳити зист бештар дар Вандидод оварда шудаанд (саҳ. 56 диссертатсия).

Муаллиф ба он ақидае мебошад, ки Вандидод қисмате аз Авесто буда, ҳамчун қонунномаи асосӣ дар оини зардуштӣ маҳсуб мешавад. Вандидод ҳамчун қонунномаи зидди қувваҳои бадӣ фарогири меъёрҳоест, ки онҳо на танҳо хусусияти ҳуқуқӣ, балки динӣ ва ахлоқӣ доранд. Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои Вандидод дар он рӯзгор бо маҷбурсозии давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин мешуданд. Аз ин рӯ, хусусиятҳои ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ дар тамаддуни таърихии тоҷикон, инчунин сатҳи шуури ҳуқуқии ниёгони мо дар давраҳои бостон, дар ин манбаъ ба таври равшан инъикос ёфтаанд. Дар Вандидод муқаррароти зиёде ҷой дорад, ки аслан ҷанбаи ахлоқӣ ва динӣ дошта, аз нигоҳи ҳуқуқшиносии муосир шояд чандон пазируфта нашаванд. Новобаста ба ин, дар ҷомеаи бостон меъёрҳои зикргардида ҳамчун шакли ибтидоии рӯзгор ва тарзи зиндагии мардум ва меъёрҳои барои ҷомеаи ибтидоӣ мувофиқ шуморида мешуд (саҳ. 58 диссертатсия).

Қобили қайд аст, ки дар Авесто ба ҳифзи саломатии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир ёфтааст. Дар Вандидод масоили марбут ба саломатӣ вобаста ба табиати кирдор, шакл ва дараҷаи таъсири он ба организми инсон, инчунин шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гардида, барои ҳар кадом ҷазои мушаххас пешбинӣ шудааст. Дар пажӯҳишҳои ҳуқуқӣ, ҷиноятҳои марбут ба осеб расонидан ба саломатӣ бо дарназардошти сатҳи хатарнокӣ ва оқибатҳои онҳо ба навъҳои зерин тақсим мешаванд: 1) бо нияти расонидани осеб силоҳ бардоштани шахс; 2) зарба задан ба инсон; 3) маҷруҳ намудан; 4) хунравӣ ба вуҷуд овардан; 5) шикастани устухонҳо; 6) ворид сохтани зарари ҷисмонӣ ва равонӣ ба саломатии фард.

Аз нигоҳи таълимоти Авесто бошад, чунин ҷиноятҳо ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим шудаанд:

1) Огерепта – кирдори содиршуда, вале бе иқрор;

2) Авауиришта – амали танқидшуда бо иқрори шахсӣ;

3) Аредуш – кирдори пурра тасдиқшуда ва мушоҳидагардида

4) Пешутану – ҷинояте, ки бо иқрор ва омодагии гунаҳгор ба каффорат алоқаманд аст (саҳ. 67 диссертатсия).

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар Вандидод зикр шудааст, ин мувозибат намудани оила ва кӯдак мебошад, яъне «марде, ки зан аз ӯ ҳомиладор мешавад, вазифадор аст, ки то таваллуди кӯдак модарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Агар мард ба таври зарурӣ зани ҳомиладори худро дастгирӣ накунад ва ин амал ба кӯдаки дарбатнбуда зиён оварад, он мард муртакиби гуноҳи куштори қасдан шуда, тибқи он ҷазо дода мешавад (саҳ. 69-70 диссертатсия).

Ҳамин тавр, Вандидод вазифаҳои падару модаронро дар мавриди таҳти назорати махсус қарор додани кӯдакон ва таъмин намудани онҳоро ба хӯроку пӯшок пешбинӣ намудааст.

Муаллиф ҳуқуқвайронкуниҳоро дар Вандидод вобаста ба хусусият ва дараҷаи хатари онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст: 1) шахсе, ки худро пайрави оини зардуштӣ медонад, аммо ба тарғиби мазҳаби дигар машғул мешавад; 2) шахсе, ки сагро бо ғизои доғ ё устухони сахт хӯронда, ӯро мезанад ва боиси марги ҳайвон мегардад; 3) шахсе, ки саги ҳомиларо меронад ва боиси афтидани он ба ҷӯйбор ё дара шуда, маргро ба бор меорад; 4) доштани муносибатҳои маҳрамона бо занон дар давраи ҳайз; 5) муносибатҳои маҳрамона бо занони ҳомила, ки дар натиҷа ба ҳомила зарар мерасонад (саҳ. 75 диссертатсия).

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва хулосабарорӣ якчанд намудҳои ҷавобгариро дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷудо менамояд:

Ҷавобгарии ҷиноятӣ. Низоми ҳуқуқии зардуштиро мавриди омӯзиш қарор дода, муаллиф иброз менамояд, ки ҳифзи саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ соҳиби ҷойгоҳи махсус буд. Алалхусус, дар давраи ҳомиладории зан ба ӯ иҷозати исқоти ҳамл дода намешуд. Чунин тадбир ба хотири нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии кӯдаки дар батни модар буда, инчунин бо мақсади ҳифзи саломатии зан сурат мегирифт. Аз ин маълум мегардад, ки тамаддуни зардуштӣ ҳифзи саломатии кӯдакро ҳанӯз аз батни модар ба роҳ монда буд (саҳ. 93 диссертатсия).

Ҷавобгарии маданӣ. Ҳуқуқи мадании зардуштӣ меъёрҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании ҷанбаи молумулкидошта ва ғайримолумулкидоштаи шахсиро, ки байни зардуштиён ва намояндагони динҳои дигар ва ғайра роиҷ буд, танзим мекард. Шартнома ҳамчун ниҳоди ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, нисбати он ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буд. Ба андешаи муҳаққиқ, дар Авесто баъзе намудҳои шартнома муайян гардида буд, ки шаҳрвандон метавонистанд онро

банданд. Ба зумраи онҳо шартнома – кафолати шифоҳӣ, шартномаи кафолат, ки бо дастфишурӣ амалӣ мегардад, шартнома – кафолат бо гӯсфанд, шартнома – кафолат бо ғулом ва ғайра дохил мешаванд. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи зардуштӣ дар бораи шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби истеҳсолкунандагон низ ёдоварӣ мешавад (саҳ..96-97 диссертатсия).

Ҷавобгарии оилавӣ. Халқи тоҷик аз қадимулайём ба масъалаи ҷавобгарии оилавӣ диққати махсус зоҳир менамуд. Таълимоти зардуштӣ низоми оиларо аз марҳилаи пайдоиш то ташаккули сохтор ва унсурҳои он дар асоси муқаррароти динӣ, урфу анъана ва ҳуқуқ ба таври равшан муайян намудааст. Дар тули давраи ташаккули худ, ин таълимот ба масъалаҳои марбут ба оила – аз ҷумла мақоми зан ва модар, ҳуқуқи кӯдак, масъалаи фарзандхонӣ, никоҳ ва шартҳои он, ҷудошавии зану шавҳар ва дигар ҷанбаҳои муҳимми равобити оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои танзими онҳо меъёрҳои муайяни ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст, барои риоя нашудани он ҷавобгарии ҳуқуқии оилавиро пешбинӣ намудааст (саҳ. 98-99 диссертатсия).

Ҷавобгарии молиявӣ. Яке аз ҷузъҳои муҳимми молия ин андоз ба ҳисоб мерафт. Андоз нишонаи муҳимми давлат дар ҳама давру замон буд ва мемонад. Давлат бе андоз вазифаҳои худро иҷро карда наметавонад. Инсоният барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз ғасби таҷовузкорон ба роҳбарони ҷомеаҳои тодавлатӣ пардохтҳои муайян, одатан дар шакли натуралӣ пардохт мекарданд ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар давлатҳои қадим бо урфу одатҳо ва меъёрҳои динӣ вобаста буданд (саҳ. 101-102 диссертатсия).

Ҷавобгарии экологӣ. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва китоби Авесто ҷиноят ҳамчун амале арзёбӣ мегардид, ки ба манфиатҳои ҷомеа хатар эҷод карда, осеби ҷиддӣ ба ҳаёти инсон, ҳайвонот, фариштагон ва низоми динӣ мерасонад, инчунин боиси ифлос гардидани муҳити зист мегардад. Таълимоти зардуштӣ ба покизагии муҳити атроф ва низоми оилавӣ аҳаммияти хос дода, барои ҳифзи онҳо дастурҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Онҳо аз ҷониби Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ зери таҳдиди ҷазо манъ шудаанд (саҳ. 103 диссертатсия).

**Боби сеюми диссертатсия «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи вандидод ва таносуби онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** буда, аз се зербоб: «Ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон», «Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ» иборат мебошад.

Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар қатори дигар низомҳои ҳуқуқии даврони қадим дастоварди гаронарзиши таърихии халқи тоҷик эътироф шудааст ва ниёгони мо хеле пештар аз зуҳури дини Ислом аз падидаҳои ҳуқуқӣ бархӯрдор буданд. Меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба зардуштия дар заминаи таълимоти динии зардуштӣ ва эътиқодоти мазҳабии он давра ба таври тадриҷӣ ташаккул ёфтаанд ва муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии мардуми тоҷик ва фаъолияти ниҳодҳои ҳуқуқие, ки дар тули таърих дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза амал мекарданд ва ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони алоҳида нигаронда шуда буданд, дорои заминаи таърихии муътабар ва решаҳои амиқ мебошанд. Ҳанӯз 3500-4000 сол қабл тоҷикон ба таври камсобиқа ба ҳуқуқ, озодиҳо ва адолати иҷтимоӣ арҷ мегузоштанд ва ин аз ибтидои ҳазорсолаи дуюм то замони мелод шуруъ ёфта буд (саҳ. 108-109 диссертатсия.).

Дар умум, сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҳолати кунунии низоми ҳуқуқӣ дар кишвар бармеояд.

**Аҳаммияти илмӣ.** Таҳқиқот аввалин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳлил ва шарҳи илмии мафҳумҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар матни Вандидод ба шумор меравад. Натиҷаҳо имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои ҳуқуқии қадим аз дидгоҳи назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ арзёбӣ шаванд. Диссертатсия дар таҳқиқи таърихи умумии назарияҳои ҳуқуқ, махсусан аз ҷиҳати робитаи онҳо бо ҳуқуқи динӣ ва ахлоқӣ саҳми арзанда мегузорад. Муайян намудани робита ва умумиятҳои меъёрҳои Вандидод бо қонунгузории тамаддунҳои дигар (Миср, Бобул, Юнон,

Ҳинд) ба ғанӣ гардидани илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Аҳаммияти амалӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили фанҳои таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқи динӣ ва муқоисавӣ истифода шаванд. Хулосаю тавсияҳо метавонанд барои таҳияи дастурҳои таълимӣ, маводи хониш ва барномаҳои таълимӣ дар донишгоҳҳо татбиқ шаванд. Муайян кардани таҷрибаи таърихӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои такмил додани назарияҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маданӣ аҳаммият дорад. Натиҷаҳо метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти нав дар соҳаи ҳуқуқи динӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва фалсафаи ҳуқуқ хизмат кунанд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Гарчанде мавзуъ хусусияти таърихӣ ва назариявӣ дорад, аммо натиҷаҳои он дар баланд бардоштани сатҳи тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ нақши мусбат мегузоранд, ки ба танзими самараноки муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад. Таҳкими арзишҳои ҳуқуқӣ ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар зеҳни ҷомеа ба коҳиши хароҷоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба эҳёи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги қадимаи мардуми тоҷик ва ҷойгоҳи он дар низоми арзишҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ саҳм мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои тарбияи ҷавонон дар руҳияи эҳтиром ба қонун, одоб ва арзишҳои ахлоқӣ истифода шаванд. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси омӯзиши таҷрибаи таърихӣ метавонад ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва худшиносии ҳуқуқӣ мусоидат намояд. Ин таҳқиқот як заминаи муҳим барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ байни кишварҳои дорои мероси муштараки ҳуқуқӣ (Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ) мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, саҳми назаррас дар рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҳкими арзишҳои иҷтимоӣ ва миллии ҷомеа мегузорад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 17 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Инчунин, аз ҷониби унвонҷӯ 4 воситаи таълимӣ вобаста ба мавзуи мавриди назар ба нашр расидааст:

**[1-М].** Азимов, Ф.А., Зокиров, З.Х. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Азимов, З.Х. Зокиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29-43; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Азимов, Ф.А. Правонарушения и преступления в Видевдате: историко-правовой анализ [Текст] / Ф.А. Азимов // Законодательство. – 2022. – №4 (48). – С. 133-138; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Азимов, Ф.А., Саъдизода, Ҷ. Нақши низоми ҳуқуқии зардуштия дар тақвиятёбии ҳуқуқи миллӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №5. – С. 231-239; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Азимов, Ф.А., Раҳмон, Д.С. Вижагиҳои таълимоти ҳуқуқии Вандидод дар пасманзари умумии ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Д.С. Раҳмон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №3 (31). – С. 40-54; ISSN 2414 9217.

**[5-М].** Азимов, Ф.А. Мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод [Матн] / Ф.А. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №4 (32). – С. 68-78; ISSN 2414 9217.

**[6-М].** Азимов, Ф.А. Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Азимов // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 18-27; ISSN 2410-2903.

**[7-М].** Азимов, Ф.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунугузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Ф.А. Азимов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2025. – №2 (54). – С. 57-59; ISSN 2305-0535.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[8-М].** Азимов, Ф.А., Муқимов, С.Д. Зӯроварӣ – омили асосии барҳамхӯрии оилаҳо дар ҷомеаи имрӯза [Матн] / Ф.А. Азимов, С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 141-144; ISSN 3078-3402.

**[9-М].** Азимов, Ф.А., Лашкарбекова, Г., Саймуродов, Б.Қ., Тоиров, М.М. Муборизаҳои иттилоотӣ дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Г. Лашкарбекова, Б.Қ. Саймуродов, М.М. Тоиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 97-100; ISSN 3078-3402.

**[10-М].** Азимов, Ф.А., Латифов, М.А., Муқимов, С.Д. Рухсатии меҳнатӣ ва моҳияти он [Матн] / Ф.А. Азимов, М.А. Латифов, С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №2 (10). – С. 110-114; ISSN 3078-3402.

**[11-М].** Азимов, Ф.А. Проблемаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Азимов / Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди

илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.09.2021). – Рашт, 2021. – С. 188-192.

**[12-М].** Азимов, Ф.А. Ниҳодҳои ҳуқуқӣ дар Вандидод [Матн] / Ф.А. Азимов / Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 26-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Рашт, 2023. – С. 130-133.

**[13-М].** Азимов, Ф.А. Низоми ҳуқуқи зардуштия ва арзишҳои башарии он [Матн] / Ф.А. Азимов / Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 496-501.

Воситаҳои таълимӣ:

**[14-М].** Азимов, Ф.А., Раҷабзода, М.Н., Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А., Муқимов, С.Д. ва диг. Ҳуқуқ [Матн]: воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни ғайритахассусӣ / Ф.А. Азимов, М.Н. Раҷабзода, З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов, С.Д. Муқимов ва диг. / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Рашт, 2023. – 280 с.

**[15-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода.– Душанбе: Ашуриён, 2022. – 256 с.

**[16-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: «Ашуриён», 2023. – 320 с.

**[17-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 288 с.

Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар нуктаи илмии 6-ум, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, чунин қайд менамояд: «Дар ҳуқуқи зардуштӣ фарзанддорӣ шарти муҳимми оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд» (саҳ. 15 диссертатсия).

Ин хулосабарории муаллиф ба андешаи мо баҳснок мебошад. Дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон бастани никоҳ ва талоқ озод мебошад. Он яке аз ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд эълон гардидааст, гарчанде қонунгузор дар баъзе мавридҳо маҳдудиятҳоро пешбинӣ менамояд. Илова бар ин, доштани фарзандро ҳар як оилаи солим орзу мекунад, чунки оиладорӣ ва мустаҳкамии муносибатҳои оиладорӣ аз мавҷудияти фарзанд вобастагии ногусастанӣ дорад. Аммо воқеияти зиндагӣ дар замони муосир бинобар ғизои носолим ва ё сунъӣ, истифодаи зиёди технологияҳои нав сол аз сол дар байни ҷавонон шумораи безурётиро зиёд намуда истодааст.

Бинобар ин, мехостам муаллиф ин пешниҳоди худро дар ҳимояи ошкоро асоснок мекард.

2. Дар зербоби 2.3. муаллиф чунин овардааст: «Яке аз масъалаҳое, ки дар Вандидод ба он диққати махсус дода шудааст, ин аст, ки зану шавҳар ҳар ду бояд дар дини зардуштӣ қарор дошта бошанд» (саҳ. 100 диссертатсия). Ё ин ки: «Дар фаргарди дувоздаҳуми Вандидод зикр мегардад, ки агар яке аз хешовандони наздик ба дину бовари бегона рӯ

оварад, зарур аст, ки робита бо чунин шахс қатъ карда шавад» (саҳ. 101 диссертатсия). Яъне аз навиштаҳои муаллиф бармеояд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, аз ҷумла Вандидод дар масъалаи бастани ақди никоҳ ва барпо намудани оила ҳуқуқу озодиҳои намояндагони динҳои ғайр маҳдуд шуда буд. Мувофиқи адабиёти таърихӣ, ҳуқуқӣ ва дигар маъхазҳои илмӣ зардуштия яке аз низомҳои ҳуқуқие ба ҳисоб меравад, ки бар пояи баробарӣ ва инсондӯстӣ бунёд шудааст. Оё ин навиштаи муаллифи рисола бунёди низоми ҳуқуқии зардуштӣ – баробарӣ ва инсондӯстиро инкор намекунад? Аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки ин андешаи худро асоснок созад.

3. Аз матни таҳқиқот дар умум бармеояд, ки муаллиф асосан масъалаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро аз нигоҳи Вандидод таҳқиқ намудааст. Магар ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо ҷиноятӣ мешаванд? Оё дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд нестанд? Муаллифи таҳқиқот ҳангоми пажӯҳиши Вандидод – яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба дигар соҳаҳо, аз қабили ҳуқуқи маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ҷавобгарии маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва ҷавобгарии интизомӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Мехоҳем андешаи муаллифро дар ин хусус фаҳмида бошем.

Эродҳо ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳснокаңд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун андешаҳои илмии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли

соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Асадулло Ғуломов, 13
Тел. мобилӣ: (+992 93) 510-77-11
Email: bobojonov_i@mail.ru

**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон 734018.
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
тел.: +992 (37) 2218764,
факс: + 992 (37) 221 71 00,
E-mail: info@anrt.tj.

«18» ____11____ 2025 с.